# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзӯи «Таъсири гиёҳҳои шифобахш ширинбия (*Glycyrrhiza glabr*a L), заринреша (*Rhodiola gelida* Schrek) ва качим (*Gypsophila capituliflora* L)) ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯй ихтисоси 03.03.01 – Физиология. ш. Душанбе 2025. – 5с.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисола ба шиносномаи ихтисоси 03.03.01- Физиология, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи бандҳои зерин тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад:

**Мувофиқи банди 1.** Омӯзиши қонуниятҳо ва механизмҳои нигоҳдории доимиятӣ муҳити дохилии организм.

**Мувофиқи банди 3.** Таҳқиқи қонуниятҳои функсионалии системаҳои асосии организм (асабӣ, иммунӣ, сенсорӣ, ҳаракатӣ, хун, гардиши хун, гардиши лимфа, нафаскашӣ, ихроҷ, ҳозима, инкишоф, тарашуҳи дохилӣ ва ғайра). Таҳқиқи динамикаи равандҳои физиологӣ дар тамоми давраҳои инкишофи организм.

**Мувофиқи банди 6.** Омӯзиши механизмҳои функсияҳои ҳуҷайраҳо, бофтаҳо, узвҳо, принсипҳо ва системаи ташкилаҳои онҳо.

**Мувофиқи банди 8.** Омӯзиши механизмҳои физиологии мутобиқшавии одам ба ҳама гуна шароитҳои ҷуғрофӣ, экологӣ, меҳнат, нутқ ва иҷтимоӣ.

**Мувофиқи банди 12.** Механизми физиологии мутобиқшавии ба ҳама гуна шаклҳо, намудҳо ва шароитҳои фаъолият аз он ҷумла ба шароити экстремалӣ. Коркарди муханизми идоракунии мутобиқшавии функсияҳои физиологии одам ба шароитҳои қаҳратуни табиӣ – иқлимӣ.

**Мубрамияти мавзуи тадқиқот**. Дар тибби варзишии дунё барои босуръат барқарор кардани қобилияти коршоямии организими варзишгарон ва мутобиқ сохтани организми онҳо ба шароитҳои зуд – зуд тағир ёфтани мусобиқаҳои варзишӣ ҳарчи бештар мутобиққунандаҳо (адаптоген)- и гуногунро истифода мебаранд.

Аксарияти мутобиққунандаҳо табиати набототи дошта дорои таркиби бойи химиявӣ буда, таъсири физиологии онҳо марҳила ба марҳила амалӣ гардида, хусусияти заҳрнокии паст доранд. Гарчанде, ки табиати беҳамтои Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои миқдори зиёди гиёҳҳои шифобахш бошад ҳам, то ҳоло ягон маводи фаъоли биологӣ, ки хусусияти мутобиққунандагӣ дорад, дар шакли шарбат омода нашудааст. Бинобар ин аксарияти ин гуна маводҳоро аз кишварҳои хориҷи ба ҷумҳури ворид менамоянд, ки арзиши баланди иқтисоди доранд. Аз ин рӯ омӯзиши мутобиққунандаҳои набототӣ, ки дар

заминаи гиёҳҳои шифобахше дар ҷумҳурии мо месабзанд, яке аз мубрамтарин масъалаҳои тибби варзишӣ ба ҳисоб меравад.

Муаллифи рисола барои ба таври илми асоснок намудани истифодаи мутобиққунандаҳои гиёҳи ширинбия, заринреша ва качим гурӯҳи варзишгарони соҳаи гӯштингириро интихоб намудааст, ки дар солҳои охир ин намуди варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маъмуру машҳур буда варзишгарон дастовар҃ои бузургро ноил гардиданд, интихоб намудааст.

Барои он, ки истеъмоли маводҳои аз гиёҳҳои мутобиққунанда осон ва форам бошад дисертант модаҳои фаъоли биологии ин се гиёҳро дар шакли шарбат омода сохтааст, ки бисёр истеъмолаш осону форам мебошад.

**Навгониҳои илмӣ** – Чӣ тавре, ки ба ҳамагон маълум аст, барои ҳарчи тезтар барқарор сохтани қобилияти коршоямии организм дар давраи сарбории ҷисмони, дар давраи тамрин ба амал меояд, таъминоти оксигени бофта ва узвҳо аз ҳамма муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Ин раванди физиологӣ аз ҳисоби зиёдшавии миқдори эротроситҳо ва консентратсияи гемоглобин ба амал омадааст.

- Муаллиф дар рисолаи худ муаян сохтааст, ки қиёми решаи ширинбия, заринреша ва качим, басомади кори дил ва фишори шараёнӣ дар давраи тамрин тезтар барқарор гардида басомади нафаскашӣ, инчунин ҳачми ҳаётии шуш баланд гардида, ҳангоми сарбории ҷисмонӣ қобилияти қоршоямии фаъолияти физиологии мушакҳо беҳтар гардонида мешавад.

- Муайян карда шуд, ки пас аз истифодаи шарбати ширинбия, заринреша ва качим дар варзишгарони намуди гӯштингирӣ миқдори эритроситҳо ва консентратсияи гемоглобин баланд гардида, миқдори лейкоситҳо ва қобилияти муҳофизатии онҳо беҳтар мегардад. Дар зери таъсири шарбати растаниҳои мазкур пас аз сарбории ҷисмонӣ миқдори глюкоза, чарбҳо кам гардида, миқдори сафедаҳо зиёд мегардад. Дар зери таъсири шарбати растаниҳои ширинбия, заринреша ва качим фаъолнокии ферментҳо муътадил гардида қобилияти бо энергия таъминкунии мушакҳо беҳтар мешавад.

- Аз санҷиши муқоисавӣ муаян шуд, ки шарбати ширинбия, заринреша ва качим аз ҷиҳати таъсир мутобиққунандагӣ решаи качим дар ҷойи аввал, решаи заринреша дар ҷойи дуюм ва решаи ширинбия дар ҷойи сеюм қарор доранд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**. Аз натиҷаҳо тадқиқотҳои гузаронидаи диссертатсионӣ муалиф бар меояд, ки моддаҳои фаъоли таркиби шарбати ширинбия заринреша ва качим ҳамнгоми сарбории ҷисмонӣ харҷи энергияро кам намуда, қобилияти барқароршавии фаолияти кори дил, рагҳои хунгард,

системаи нафаскашӣ ва фаъолияти мушакҳои склетиро беҳтар гардонида организми варзишгарнро ба шароити тағйирёбанда мусобиқ месозад.

Аввалин маротиба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири қиёми решаи ширинбия, заринреша ва качим ҳангоми сарбории ҷисмонӣ, хусусияти мутобиққунандагии онҳо дар варзишгарони намуди гӯштингирӣ ба таври илмӣ асоснок намудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Эътимоднокии натиҷаҳо рисолаи илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки муаллиф бо истифода аз усулҳои муосири ҳозиразамон, таҷҳизотҳои навтарини дунявӣ ба монанди анализатори биохимиявӣ, анализатори гемотологӣ, анализатори тамғаи ДНМ 600 – А ва дигар таҷҳизотҳои муосир тасдиқ карда шудааст. Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастовардашуда боэътимод буда, аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд. Натиҷаҳои дар диссертатсия дарҷ гардида дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ гузориш ва муҳокима карда шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 159 саҳифа таҳия шуда, аз муқаддима ва 4 боб, тавсифи маводҳо ва усулҳои таҳқиқотӣ, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ, феҳристи адабиёти, истифодашуда ки 244 (188 манбаи ватанӣ ва кишварҳои ИДМ, 56 муаллиф аз хориҷи дур) иборат мебошад. Дар диссертатсия 24 ҷадвал ва 19 расм ҷой дорад.

**Дар муқаддима** муаллиф мавзуи интихобнамудаи худро асоснок намуда вазифаҳои таҳқиқотро мушахас гузошта роҳҳои ҳали онро пешниҳод намудааст. Дар ин қисмат инчунин нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, аҳамияти илмӣ ва назарии рисола, усулҳои таҳқиқот, аҳамияти амалӣ ва сохтори рисола маълумоти мушаххас пешниҳод намудааст.

**Дар боби якмум**, ки таҳлили адабиётҳо ба ҳисоб меравад, муаллиф оиди мавзуи интихобгардида адабиётҳои мавҷударо таҳлил намуда оид ба хусусиятҳои ботаникӣ, таркиби химиявии растаниҳои интихобкардашуда, истифодаи онҳо дар тибби холқи ва муосир, маълумотҳо ҷамовари намудааст. Ҳамзамон ин боб аз чор зербоб ҷудо намудааст.

**Дар боби дуюм** мавод ва усулҳои таҳқиқот ном дорад, ки муаллиф тарзи дурусти ҷамовари намудани гиёҳҳо, оиди технологияи тайёр намудани шарбати ширинбия, заринреша, качим даҷ гардидааст. Ҳамзамон дар ин боб миқдори варзишгарон, таҷҳизотҳои муосири замонавӣ, усулҳои дурусти ҷисмонӣ ва усулҳои физиологӣ, таҳлили гемотологӣ, биохимиявӣ, оварда шудааст.

**Дар боби сеюми** рисола натиҷаҳои таҳқиқоти худи дисертант буда аз ҳафт зербоб иборат мебошад. Дар зебоби аввал хусусиятҳои физикӣ ва органолиптикии шарбатҳои омӯхташаванда оварда шудааст. Дар зербоби

дуюм таъсири муқоисавии мутобиққунандаҳои набототӣ ба нишондодҳои физиологии варзишгарон, аз он ҷумла кори дил, фишори шараёни, нишондодлҳои системаи нафаскаши ва ғайра оварда шудааст. Дар дигар зербоҳои ин боб оид ба қобилиятти коршоямии мушакҳо, микдори эротроситҳо, консентратсияи гемоглобин, микдори лейкоситҳо, фаъолияти фагоситарии нетрофилҳо, микдори сафедаҳо, фаъолнокии ферметнҳо, чарбҳо, нишондодҳои системаи лахташавии хун, макро ва микроэлементҳо муайян карда шудааст.

**Дар боби чоруми** рисола оиди муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот буда дар он хулосаи таҷрибаҳои гузаронидашуда бо натиҷаҳои дар адабиёти илмӣ мавҷуд буда муқоиса гардида мухтавои асосии илмии худро асоснок намудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ 15–мақола, аз ҷумла 9 – мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин 6 – мақолаи илмие, ки дар маҷаллаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссератсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиони (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Диссертатия аз рӯйи муҳимияти худ, мавзӯъ, мақсад, вазифа, таркиб ва ҳаҷми таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ натиҷаҳо оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021 № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзуи «Таъсири гиёҳҳои шифобахш ширинбия (*Glycyrrhiza glabra* L), заринреша (*Rhodiola gelida* Schrek) ва качим (*Gypsophila capituliflora* L)) ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон» як қатор норасогиҳо ҷой доранд:

1. Дар рисолаи маскур аз адабиётҳои дохили кишвар кам ба назар мерасад.
2. Дар рисола баъзе хатогиҳои имлои мушоҳида мешаванд.
3. Таҳлилҳо нишондодаанд, ки баъзе ҷадвалҳо дар саҳифаҳои 90, 94, 95, 97 бояд ба саҳифаҳои дигар гузаронида шаванд.
4. Инчунин дар саҳифаҳои 98, 102, 103, 104, 105, ва 106 ишораҳо дар саҳифаи дигар ҷой дода шудааст.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳамияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намегардонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзуи «Таъсири гиёҳҳои шифобахш (ширинбия (*Glycyrrhiza glabra* L), заринреша (*Rhodiola gelida* Schrek) ва качим (*Gypsophila capituliflora* L)) ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 03.03.01 – Физиология пешниҳод шудааст, дар сатҳи хуби илмӣ ба анҷом расонида шуда, ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021 № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Муқаризми расмӣ:**

номзади илмҳои биологӣ, муаллими калони кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонот ба номи академик Ҳ.М.Сафаров, факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Устоев Беҳзод Раҳимҷонович

«__6__» __01__ соли 2026

**Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17**

Имзои номзади илмҳои биологӣ, муаллими калони кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонот ба номи академик Х.М.Сафаров, факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Устоев Беҳзод Раҳимҷоновичро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси Донишгоҳи милли Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

«__07__» __01__ соли 2026

**Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17**

8.01.2026